# ХУЛОСАИ НИҲОИИ
# ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D. КОА-038
# НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ НОМЗАДИ ИЛМ

Парвандаи аттестатсионии №__

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 13 июни соли 2024, №37

Барои сазовор донистани Абдуғафури Сафар, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01- Ботаника.

Диссерататсияи Абдуғафури Сафар, дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулҳои (Lamiaceae Mart.) қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» аз рӯйи ихтисоси 03.02.01- Ботаника ба ҳимоя қабул карда шуд, суратҷаласаи №37 аз 04.04.2024, Шурои диссертатсионии 6D. КОА-038-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, www.tnu.tj. ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, №119/шд 8-уми апрели соли 2022.

Довталаби дараҷаи илмӣ Абдуғафури Сафар 6-уми апрели соли 1993 таваллуд шудааст, миллаташ тоҷик, маълумоташ олӣ мебошад. Номбурда Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро соли 2016 бо ихтисоси биолог, муаллими биология ва химия хатм намудааст. Соли 2018 ҳуҷҷатҳои худро ба шуъбаи аспирантураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон супорида, онро соли 2021 хатм намудааст. Солҳои 2018 то 2021 ассистенти кафедраи фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, аз соли 2021 то ҳол ба ҳайси ассистенти кафедраи ботаника ва дендрологияи факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият карда истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи ботаника ва дендрологияи факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Сатторов Раҳматулло Бобоевич** – доктори илмҳои кишоварзӣ, профессори кафедраи ботаника ва дендрологияи факултети биологияи ДМТ.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Наврузшоев Довутшо** - доктори илмҳои биологӣ, сарходими илмии Институти биологии Помир ба номи академик Х.Ю. Юсуфбекови АМИТ.
2. **Қурбонов Абдуллоҷон Рузимадович** - номзади илмҳои биологӣ, дотсенти кафедраи ботаникаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров дар хулосаи мусбати худ, ки аз тарафи муқарриз, муаллими калони кафедраи физиологияи растаниҳои Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, номзади илмҳои биологӣ Тӯрақулов Исоқул имзо шудааст, қайд менамояд, ки кори диссертатсионии Абдуғафури Сафар аз рӯйи муҳиммият, навгонии илмӣ, ҳаҷм ва сифати вазифаҳои иҷрошуда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастоварда, саҳеҳият ва асосноккунии хулосаҳо ба талаботи боби 3, фаслҳои 31, 33, 34-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардида, барои рисолаҳои номзадӣ пешниҳод

гардидааст, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01–Ботаника ҷавобгӯ мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ Абдуғафури Сафар оид ба мавзуи диссертатсия 8 кори илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст.

**Корҳои нисбатан муҳими илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия:**

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М]. Абдуғафури Сафар. Тавсифи биологии зуфои хушбуй (*Nepeta cataria* L.) дар қаторкуҳи Ҳисор [Матн] /Абдуғафури Сафар // Илм ва фановарӣ. – Душанбе, 2020-№3. – С. 258-261. ISSN-2312-3648.

[2-М]. Абдуғафури Сафар. Ҳифз ва истифодаи самараноки захираҳои намояндаҳои оилаи лабгулҳо дар қаторкӯҳҳои Ҳисору Дарвоз [Матн] /Абдуғафури Сафар // Илм ва фановарӣ. – Душанбе, 2021-№2. – С. 186-190. ISSN-2312-3648.

[3-М]. Абдуғафури Сафар. Аҳаммияти хоҷагӣ ва гуногунии биологии баъзе намудҳои оилаи лабгулҳои ноҳияи флористикии Ҳисору Дарвоз [Матн] /Абдуғафури Сафар // Кишоварз. – Душанбе, 2021-№3 (92). – С. 64-67. ISSN-2074-5435.

[4-М]. Абдуғафури Сафар, Кароматуллои Қ. Гуногунии намудии оилаи лабгулҳои – Labiatae таркиби флораи дараи Вазоб [Матн] /Абдуғафури Сафар, Кароматуллои Қ. // Кишоварз. – Душанбе, 2023-№1.(98) – С. 71-74. ISSN-2074-5435.

[5-М]. Абдугафури Сафар. Разнообразие и значение представителей семейства губоцветных Каратагского ущелья [Текст] /Абдугафури Сафар // Наука и инновация. – Душанбе, 2023-№2. – С. 178-185 .ISSN-3212-3648.

[6-М]. Сатторов Р.Б. Абдугафури Сафар, Назаров Ш.Ш. Дурнамои истифодаи захираҳои намояндагони оилаи лабгулон [Матн] / Р.Б. Сатторов, Абдугафури Сафар Ш.Ш. Назаров // Илм ва фановарӣ. – Душанбе, 2024-№1. – С. 271-278. ISSN-2312-3648.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

[7-М]. Абдугафури Сафар. Фитоценологические особеннности котовника кокандского в Гиссарском хребте [Текст] / Р.Б.Сатторов, А. Сафар // Маводи конфренсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ бахшида ба 85 солагии академики Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, д.и.б., профессор Ҳ.М.Сафаров. ш. Душанбе, 04.05.2022-С.484-487.

[8-М]. Абдугафури Сафар. Представители рода зизифоры (*Zizifora* L.) в Таджикистане [Текст] / Абдугафури Сафар // Материалы Республиканско-преподоательского состава и сотрудников ТНУ, посвященной “Годам развития села, туризма и народных ремесёл (2019-2021 гг.)” и “400-летию Миробида Сайидо Насафи”.- Душанбе, 20-27 апреля 2019 года.- С.145-146.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

1. **Ҳайдаров Х.Қ.**— доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи ботаникаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов. Дар тақриз чунин камбудиҳо нишон дода шудааст:

1. Ҳангоми навиштани номҳои лотинӣ муаллифи рисола ба хатоиҳои техникӣ роҳ додааст.

2. Дар ин таҳқиқоти илмӣ камбудиҳои техникӣ ва имлоӣ низ мавҷуд аст, ки ислоҳи онҳо сифати корро баланд мебардорад.

2. **Маҳмадризохонов А.А.**– доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи география ва сайёҳии факултети биологияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев, тақриз мусбат эрод надорад .

3. **Қодиров Қобил Ғафурович-** доктори илмҳои кишоварзӣ, профессори кафедраи зироаткорӣ ва истеҳсоли хӯроки чорвои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур. Дар тақриз чунин камбудиҳо нишон дода шудааст:

1. Рисолаи илмӣ бо забони тоҷикӣ омода карда шудааст, лекин дар руйхати адабиёт баъзе адабиёт бо забони русӣ оварда шудааст ва дар онҳо хатогиҳои имлоӣ дида мешавад, фамилияҳои русӣ бо хатогиҳо навишта шудааст.

2. Дар автореферат оид ба натиҷаҳои асосии омӯзишӣ 5-хулоса оварда шудааст, ин барои рисолаи номзадӣ кам мебошад, 6-8 хулоса бояд бошад.

4. **Ҳайдарова Н.Р.-** номзади илмҳои биологӣ, корманди илмии шуъбаи “Биотехнология ва биоэкология”-и Маркази илмии Хуҷанд АМИТ, тақриз мусбат мебошад.

5. **Наврузшоева Г.Х.**– номзади илмҳои биологӣ, дотсенти кафедраи биологияи тиббӣ бо асосҳои генетикаи МДТ “ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино”, тақриз мусбат мебошад.

Дар тақризҳо муҳиммияти мавзуи кори диссертатсионӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии натиҷаҳои бадастомада дарҷ гардидаанд. Инчунин кори диссертатсионии Абдуғафури Сафар таҳқиқоти баанҷомрасидаи тахассусии илмие мебошад, ки ба ихтисоси 03.02.01 – Ботаника мувофиқат мекунад ва муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо нисбат ба соҳаи систематикаи растаниҳо ва геоботаника ба дастовардҳои хуб ноил гаштаанд, дар ин соҳа корҳои илмӣ ва аз рӯйи мавзуи интихобшуда таълифотҳои илмӣ доранд, аз ин лиҳоз ба кори диссертатсонӣ оид ба мубрамияти мавзуъ, навоварии илмӣ ва аҳаммияти амалии натичаҳои бадастомада баҳои холисона дода метавонанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**коркард карда шуд:** гуногунии биологии оилаи лабгулҳо ва хусусиятҳои фитотсенологии намудҳои ҷамоаофари онҳо дар қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор;

**пешниҳод шудааст:** таҳлили гуногунии намуди оилаи лабгулҳо-Labiatae , хусусиятҳои ботаникӣ: таҳлили систематики, экологӣ, биологӣ ва муқоисавӣ; тавсифи хусусиятҳои фитосенологи ва аҳаммияти хоҷагии намудҳои нафъовари таркиби он.

**исбот шудааст:** гуногунӣ, хусусиятҳои фитосенологӣ ва аҳаммияти хоҷагии баъзе растаниҳои оилаи лабгулон дар қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор ва истифодаи онҳо дар тибби халқӣ ва ҳамчун растании ғизогӣ самаранок мебошад;

**ҷорӣ намудани:** истифодабарии баъзе намояндаҳои оилаи лабгулҳо аз қабили: *Ziziphora pamiroalaica Juz, Salvia sclarea L.,Origanum tyttanthum Gontsch. ва Nepeta catarica* L.) дар тиб ва ба сифати ғизогӣ ва инчунин ҳамчун

инсектисидҳои табиӣ барои нест кардани ҳашароти зараррасони растаниҳои мевадиҳандаи худрӯй ва маданӣ.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо ин асоснок карда шудааст, ки;**

**исбот намудани:** натиҷаҳои назариявии таҳқиқоти мазкурро ҳангоми омӯзиш ва баҳодиҳии гуногунии оилаи лабгулҳои таркиби флораи Тоҷикистон метавон истифода бурд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷой дошта самаранок:** таҳлили хусусиятҳои фитосенологии *Ziziphora pamiroalaica* Juz., *Origanum tyttanthum* Gontsch, *Nepeta catarica* L., *Salvia sclarea* L. ба мо имкон медиҳанд, ки дар оянда онҳоро ҳамчун намудҳои нафъовар барои истифода дар соҳаи тиб тавсия диҳем.

**истифода** бурдани усулҳои нави таҳқиқотӣ бо мақсади нигоҳдории намояндаҳои нафъовари оила дар минтақаҳои паҳншавии таназзулёфта;

**баён шудани:** маълумотҳои бадастомада оид ба ҳосилнокии захираҳо сенопопулятсияҳои намудҳои *Ziziphora pamiroalaica* Juz., *Nepeta catarica* L., *Origanum tyttanthum* Gontsch, *Salvia sclarea* L. дар мавзеъҳои паҳншавии табиии онҳо нишон медиҳанд, ки ҳосилнокии табиии онҳо талаботи саноати фармакологии Тоҷикистонро танҳо 35% таъмин менамояд;

**ошкор гардидани:** гуногунии биологӣ, хусусиятҳои фитосенологӣ, захира ва маҳсулнокии баъзе намудҳои оилаи лабгулҳо;

**омӯхта шуданд:** дар шароити қисмати ҷанубии қаторкуҳи Ҳисор бори аввал ҳолати гуногунии биологӣ, хусусияти биологӣ, хусусиятҳои фитосенологӣ дар сурати тағйирёбии иқлим, баҳогузории ҳосилнокии баъзе намудҳои нафъовар.

**Аз нав такмил додани:** усулҳои маъмул ва муосир;

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки:** натиҷаҳои илмӣ ва санҷиши истеҳсолии таҷрибаҳои саҳроӣ оид ба гуногуни ва хусусиятҳои биологӣ ва фитосенологии намояндаҳои растаниҳои оилаи лабгулҳо дар қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор тадбиқ карда шудааст;

**коркард ва ҷорӣ карда шуданд:** истифода бурдани баъзе намояндаҳои растаниҳои оилаи лабгулҳо ба сифати растаниҳои нафъовар;

**муайян карда шуданд:** дар қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор омӯзиши ҳаматарафаи растаниҳои худрӯйи оилаи лабгулҳо гузаронида шуда, хусусиятҳои биологӣ ва инкишоф, ҳосилнокии биологӣ, паҳншавии муайян карда шудааст;

**офарида шуд:** тавсияҳо барои истифодаи баъзе намудҳои оила дар минтақаи омӯзиш ба сифати растаниҳои нафъовар аз қабили: ҷамбилак, субинак, мармарак, пудина;

**муаррифӣ карда шуд:** гуногунии ҳолати экологӣ, хусусиятҳои фитосенологӣ ва аҳаммияти растаниҳои оилаи лабгулҳо, ҷудо кардани намудҳои беҳтарини намудҳои он барои истифодабарӣ дар соҳаи тиб ва хӯрокворӣ;

**Барасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон додаанд, ки барои корҳои таҷрибавӣ:**

**назария:** дар асоси омӯзиши маълумотҳои таҳқиқотҳои саҳроӣ сохта шудааст.

**назария:** дар асоси омӯзиши маълумотҳои таҳқиқотҳои саҳроӣ сохта шудааст.

**ғоя асоснок шудааст:** дар асоси таҳлили амалияи хулосаи таҷрибаи пешқадами муаллифони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба намояндаҳои оилаи мазкур ;

**истифода шудаанд:** муқоисаи натиҷаҳои муаллифӣ ва натиҷаҳои бадастомада бо адабиёти пешин оид ба мавзуи диссертатсия;

**муайян шудаанд:** гуногунии намояндаҳои оила ва сифатан мувофиқат кардани натиҷаҳои муаллифӣ бо манбаъҳои холис, ки аз рӯйи мавзуи мазкур оварда шуданд, дар ҳолатҳое, ки ин муқоисаҳо асоснок мебошанд;

**истифода карда шудаанд:** намояндаҳои оилаи лабгулҳо, хусусиятҳои фитосенологӣ ва ҳолати онҳо дар шароити табиӣ дар минтақаи омӯзиш гузаронида шуданд. Ҳангоми гузаронидани мониторинг оид ба хусусиятҳои фитосенологии растаниҳо ва баҳодиҳии ҳамаҷонибаи онҳо аз ҷониби умум эътирофшудаи И.Г. Серебряков (1952), Б.А. Доспехов (1985), С. Рахимов (2007), Н.М. Сафаров (2017), Д. Сатторов (2020) истифода бурда шуданд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ муайян мегардад:** муаллиф тамоми зинаҳои таҷрибаҳои таҳқиқотӣ, бевосита дар ҷамъоварӣ ва ҷустуҷӯи таҳлили адабиёти соҳавӣ, омӯзиши объектҳои таҳқиқот, гузаронидани таҷрибаҳои саҳроӣ, коркарди оморӣ, ки дар шакли интишорот, мақолаҳо ва фишурдаҳои илмӣ ҷамъбаст гаштаанд, дар кори диссертатсионӣ ва автореферат навишта шудаанд, мустақилона таҳлил намудааст.

Дар ҷаласаи 13-уми июни соли 2024 Шурои диссертатсионӣ барои сазовор донистани Абдуғафури Сафар ба дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 4 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 03.02.01- Ботаника мебошанд.

Аз 15 нафаре, ки ба ҳайати Шуро дохиланд, овоз доданд 14 нафар, тарафдор - 14 нафар, муқобил – нест, бетараф - нест, бюллетенҳои тақсимношуда 1- нафар, беэътибор – нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои биологӣ, профессор Эргашев Абдуллоҷон

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои биологӣ Иброгимова Сайрамбӣ Искандаровна

13.06.2024 с.